# «ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАНШАИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РУҲИЯИ ВАТАНДӮСТӢ»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 17 March, 2025 - 11:33
[1]

Таҳти чунин унвон дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хониши сиёсӣ баргузор гардид. Зимни он Раис Кумита Сахидод Раҳматуллозода иброз намуд, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳнамои стратегии пешрафти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа буда, нақши ҷавононро дар ҳалли масъалаҳои муҳими миллӣ равшан нишон медиҳад. Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки ҳар як ҷавон бояд худро масъули рушди Ватан донад. Ин масъулият аз тарбияи ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва таълими замонавӣ оғоз мегардад. Паёми Пешвои миллат ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз маҳсуб ёфта, дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва пешрафти давлату давлатдорӣ нақши калон дорад. Корманди Кумита Сабралиев Нодир иброз намуд, ки ҳамасола Пешвои муаззами миллат дар ҳар паёми ироагардидааш ба Маҷлиси Олӣ қайд менамоянд, ки «Мо ба нерӯи созандаи ҷавонон эътимоди комил дорем. Онҳо неруи пешбарандаи ҷомеа, давомдиҳандаи кору фаолияти насли калонсол, қувваи созанда ва иқтидори воқеъии ҷомеа ва ояндаи миллат ва давлат мебошанд»

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

**Source URL:**http://istilohot.tj/en/node/7108?mini=2025-03

**Links**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20250319-WA0016.jpg [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250319-WA0014.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250319-WA0016.jpg